Андеша

# КОРРУПСИЯ ОФАТ АСТ

Дар ҷаҳони имрӯза ҳодисаҳои зиёде пайдо шудаанд, ки ба пешравии давлату ҷомеа таъсири манфӣ ва ба амалишавии озодонаи ҳуқуқҳои инсон монеаи ҷиддӣ ворид менамоянд. Яке аз чунин ҳодиса, ки имрӯз ба мушкилии асосии давлату ҳукумат ва кулли мардум табдил ёфтааст, ин коррусия мебошад. Он ба рушди иқтисодиёт ва некӯаҳволии иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Мафҳуми коррупсияро имрӯз ҳар кас ба таври худ шарҳ медиҳад. Мафҳуми коррупсия асоси ҳуқуқӣ дошта дар санадҳои байналмилалӣ ва миллӣ қувваи қонунии худро пойдо кардааст.Имрӯз мафҳуми аз ҳама серистеъмоли коррупсия, ин таърифи пешниҳод намудаи Конгресси нӯҳуми СММ мебошад: «Коррупсия сӯиистифода аз ҳокимияти давлатӣ барои гирифтани фоида ба мақсадҳои шахсӣ аст». Мафҳуми коррупсия дар қисми 2-юми моддаи 1-и Қонуни Ҷ Т «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қувваи қонунии худро пайдо намудааст, ки мувофиқи он: **коррупсия** – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда бо истифода аз мақоми худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахсони дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар содир менамоянд, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартарият ва имтиёзҳои дигар бо мақсади моилкунӣ ё қадр кардани онҳо барои содир намудани чунин кирдорҳо (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад.

Коррупсия аз он замон арзи ҳастӣ менамояд, ки вазифаи идоракунӣ имконияти фоидабиниро ба вуҷуд овард. Дар он замон низ коррупсия ба мушкилоти асосии ҷомеа табдил ёфта буд ва онро вобаста ба ҳудуди паҳншудааш ба навъҳои аврупои ғарбӣ, осиёӣ, африкоӣ ва америкоӣ тақсим менамуданд.

Имрӯз коррупсия ҷомеаро доғдор намуда, таъсири бади худро ҳамчун офати табиӣ мерасонад. Коррупсия сол то сол ташаккул ва афзоиш ёфта истодааст, ки ин хеле нигаронкунанда мебошад. Мувофиқи маълумоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 684 тафтишу санҷишҳо гузаронида шудааст, ки дар натиҷа ба маблағи 146,8 млн. сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 45,7 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Барои пеши роҳи коррупсияро гирифтан мо бояд дар мактабҳо соатҳои махсус ҷудо намоем ва ба насли наврас оқибатҳои ин амали номатлубро фаҳмонем, зеро баъд аз гузашти солҳо онҳо низ ба сари мансаб меоянд то ки ба ин маҷрои пурталотум ғарқ нагарданд.

Ба кумита ва агентиҳои зидди коррупсионӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо бояд ҳамкорӣ кард, то сатҳи коррупсия дар ҷумҳурӣ паст гардад. Мо танҳо дар якҷоягӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ метавонем пеши роҳи ин маҷрои хатарнокро гирем!

**Таҳияи Некрӯзи ФАЙЗИЗОДА,**
**донишҷӯйи курси 1, факултети ҳуқуқшиносӣ**